# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № _____

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 18 марти соли 2023, тахти №24 дар бораи сазовор донистани Акилова Муқаддас Мирмуҳамадовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Акилова Муқаддас Мирмуҳамадовнаро дар мавзуи «Таҳлили ҳуқуқӣ – ҷиноятии таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» , ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар таърихи 10.12.2022 сол, суратҷаласаи №11 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 07 январи соли 2022, тахти №15/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Акилова Муқаддас Мирмуҳамадовна 21-уми ноябри соли 1981 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2000 ба шуъбаи рӯзонаи факултети тиҷорат, фаъолияти гумрукӣ ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2013 хатм кардааст.

Солҳои 2011-2013 ба ҳайси омӯзгори фанни ҳуқуқи Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8 ноҳияи Қайроқум, солҳои 2014-2015 сармутахассиси Тоҷиктелеком дар ш. Хуҷанд, солҳои 2015-2019 муаллими калони кафедраи ҳуқуқи тиҷоратии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намуда, солҳои 2017-2022 унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, аз соли 2019 то имрӯз муаллими калони кафедраи назария, таърихи давлат ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Мавзуи диссертатсия – «Таҳлили ҳуқуқӣ – ҷиноятии таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 20.04.2017 сол, таҳти №07 тасдиқ гардидааст.

Ба унвонҷӯ шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 18 майи соли 2022, таҳти №44 аз ҷониби Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дода шудааст.

Имтиҳонҳои номзадӣ бо баҳои зерин супорида шудаанд:

1. Таърих ва фалсафаи илм – 5 «аъло» , 09.04.2019 с.
2. Забони хориҷӣ (англисӣ) – 5 «аъло», 26.04.2021 с.
3. Ихтисос – 12.00.08. – 5 «аъло» , 18.05.2022 с.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон 19.05.2022 сол (суратҷаласаи №10) омода ва муҳокима шудааст. Ғайр аз ин, диссертатсия дар ҷаласаи кушод ва муштараки кафедраҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсия, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ ва ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон 27-уми майи соли 2022 (суратҷаласаи №5) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Қудратов Некруз Абдунабиевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Назаров Аваз Қувватович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**2. Ҳусейнова Мижгона Собировна** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» , ки аз ҷониби ташхисгар Сафарзода Ҳаёт Саидамир – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи пешгирии ҷиноятҳои террористӣ ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, сардори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва

психологияи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳусейнзода С.Ҳ. ва котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нарзуллозода С.С. имзо ва аз ҷониби сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарифзода Ф.Р. санаи 24.02.2023 сол тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» , ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

1. Зоҳидова, М.М., Қудратов, Н.А. Терроризми сиёсӣ: мафҳум ва вижагиҳо [Матн] / М.М. Зоҳидова, Н.А. Қудратов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – №4/1 (33). – С. 229-235; ISSN 2308-054X.

2. Зоҳидова, М.М. Ташаккул ва инкишофи ҷинояти таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ дар давраи тошӯравии давлатдории тоҷикон [Матн] / М.М. Зоҳидова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – №4/2 (34). – С. 285-293; ISSN 2308-054X.

3. Зоҳидова, М.М. Ташаккул ва инкишофи падидаи ҷиноятии таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ дар замони давлатдории шӯравӣ [Матн] / М.М. Зоҳидова // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. – 2020. – №4 (85). – С. 111-121; ISSN 2411-1945.

4. Зоҳидова, М.М., Қудратов, Н.А. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тахрибкорӣ мувофиқи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон ва Украина вобаста ба объекти ҷиноят [Матн] / М.М. Зоҳидова, Н.А. Қудратов // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. – 2020. – №3 (84). – С. 101-109; ISSN 2411-1945.

5. Акилова, М.М. (Зоҳидова, М.М.) Таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии тарафи объективии таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ [Матн] / М.М. Акилова // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. – 2022. – №1 (90). – С. 100-109; ISSN 2411-1945.

6. Зохидова, М.М., Мирзоева, К.А. Особенности субъекта посягательства на жизнь государственного или общественного деятеля Республики Таджикистан [Текст] / М.М. Зоҳидова, К.А. Мирзоева // 20 лет Гражданского кодекса Республики Таджикистан: материалы первой научно-практической конференции по теме «Права и экономика» от 11 октября 2019 / Под ред. докт. юрид. наук Меликов У.А., канд. юрид. наук Кудратов Н.А. – Душанбе: «ДДТТ», 2019. – С. 183-187.

7. Зохидова, М.М., Кудратов, Н.А. Уголовно-правовая характеристика объективной стороны диверсии [Текст] / М.М. Зохидова, Н.А. Кудратов // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – №8. – С. 242-248; ISSN 2413-5151.

8. Зохидова, М.М., Қудратов, Н.А. Проблемы определения непосредственного объекта разглашения государственной тайны [Текст] / М.М. Зохидова, Н.А. Кудратов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – 2020. – №2 (83). – С. 100-109; ISSN 2411-1945.

9. Зоҳидова, М.М., Мирзоева, Қ.А. Фарқияти таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ аз ҷинояти одамкушӣ [Матн] / М.М. Зоҳидова, Қ.А. Мирзоева // Маводи дуюмин конференсияи илмь-амаль дар мавзуи «Ҳуқуқ ва иқтисод»: масоили ҳуқуқии иқтисоди рақамӣ, 31 майи соли 2021 / Зери таҳрири докт. илми ҳуқуқ Меликова У.А., номз. илми ҳуқуқ Кудратова Н.А. – Душанбе: - Бахманруд, 2021. – С. 176-179.

10. Акилова, М.М. Сравнительно-правовой анализ посягательства на жизнь государственного или общественного деятеля в уголовном праве СНГ [Текст] / М.М. Акилова // LX Международная научно-практическая конференция «Актуальные проблемы юриспруденции» сб. ст. по матер. LX международная научно-практическая конференция. – Новосибирск: СибАК. – 2022. – № 7 (59). – С. 29-34; ISSN 2587-9227.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Бобоҷонозода И.Ҳ.** – Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор;

**Мирзоев С.А.** – Муовини декан оид ба илми факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ;

**Зокирзода З.Х.** – дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети таърих ва ҳуқуқи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оиди ба фарқияти таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ аз ҳамла ба шахсон ва муассисаҳои таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарордошта, таърифи арбоби давлатӣ, масъалаи декриминализатсия намудани м. 310 КҶ ҶТ бо сабаби шабеҳият, такрорият доштанаш бо м. 104 КҶ ҶТ, криминализатсия намудани таҷовуз ба ҳаёти намояндаи расмии давлати дигар дар ҳудуди ҶТ, омори ҷинояти таҳлилшуда, мафҳуми терроризми сиёсӣ ва баъзе аз таклифҳо дар самти такмили қонунгузории ҷиноятӣ, пешниҳоду нактаҳои назари шахсии муаллифи авторефератро фаро мегиранд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷрои таҳқиқоти илмӣ:**

– таҳқиқи илмию амалии ташаккул ва инкишофи ҷинояти таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ дар таърихи ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон;

– таҳлили қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи давлатҳои ИДМ

оид ба ҷавобгарӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятӣ аз нуқтаи назари самаранокии амалии онҳо ва истифодаи минбаъдаи ин таҷриба дар такмили қонунгузории ҷиноятии кишвар;

– таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои объективии ҷинояти таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ;

– таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои субъективии ҷинояти таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ;

– муайян намудани фарқияти таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ аз таркибҳои ба он монанд;

– таҳияи тавсияҳо оид ба такмил додани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ доир ба мубориза бар зидди ҷинояти таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ, ироа гардидааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки** натиҷаҳои таҳқиқот аз хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати мукаммалнамоии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ ҳамчун ҷиноят, равона гардидаанд.

Хулосаҳо ва нуктаҳои илмие, ки дар рафти таҳқиқи диссертатсия ба даст омадаанд, метавонанд дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ҳифзи манфиатҳои миллӣ, устуворӣ ва эътимоднокии ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ, аз ҷумла КҶ ҶТ, қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ, Қонунҳои конститусионии ҶТ «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат», «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонунҳои ҶТ «Дар бораи амният», «Дар бораи муқовимат ба терроризм» ва ғайра гарданд; дар амалия тартиби дуруст бандубаст кардан ва татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ ҷиҳати ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии ҶТ дуруст танзим карда шаванд, фаъолияти қонунгузорӣ ва қонунтатбиққунии судҳо ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода гарданд.

Ҳамзамон, хулосаҳои диссертатсия барои таълими фанҳо дар раванди таълим, зимни омӯзиши фанҳои таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, курси махсуси таълимии

ҳуқуқӣ, аз ҷумла, фанни «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ», таҳқиқоти диссертатсионӣ аҳммияти калон доранд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта, ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва хусусӣ, ба монанди:** усулҳои умумиилмии фалсафӣ, усулҳои илмии диалектикии дарки ҳодиса ва раванди ҳаёти ҷамъиятӣ, ягонагии мазмуни иҷтимоӣ ва шаклҳои ҳуқуқие, ки раванди омӯзиши илмии онҳоро таъмин менамоянд, ташкил медиҳад. Инчунин, дар рафти таҳқиқи мавзӯи мазкур аз усулҳои умумӣ ва махсуси дарки падидаҳои таҳқиқшаванда дар робита бо алоқамандӣ ва вобастагии мутлақ; истифодаи усулҳои умумии таҳлил (анализ) ва таркиб (синтез), инчунин усулҳои махсуси илмӣ: мантиқӣ-расмӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва махсуси ҳуқуқӣ самаранок истифода шудаанд.

Ҳамчунин, ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии таҳқиқотро пажӯҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Вобаста ба масъалаҳои таҳқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор гирифтаанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** хулосаву пешниҳодоти дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф, метавонанд ҷиҳати такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар амалияи тафтишӣ ва судӣ мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳамчунин, маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни тадрис, дар муассисаҳои олӣ ҳангоми таълими фанҳои ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла ҳуқуқи ҷиноятӣ, асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо ва ғайра истифода шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

– тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзуи таҳқиқот ва рисолаҳои як қатор олимон, ки нуктаҳои назари илмии муосирро дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инъикос менамоянд, ба даст оварда шудаанд;

– натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида, дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудааст;

– эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия, инчунин, аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд;

– ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи ҶТ, Кодекси ҷиноятии ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ ва Қарорҳои Пеленуми Суди Олии ҶТ ба даст омадаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо он муайян карда мешавад, ки муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ исбот карда мешаванд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 18-уми марти соли 2023 қарор қабул карда шуд, ки ба Акилова Муқаддас Мирмуҳамадовна дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқ гардидааст 11 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 11 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Гадоев Б.С.**

18 марти соли 2023